# 30 соли Иҷлосияи таърихӣ ва сиёсати давлатии забон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 14 November, 2022 - 14:11
[1]

Санаи 14-уми ноябри соли 2022 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони “30 соли

Иҷлосияи таърихӣ ва сиёсати давлатии забон" бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур Каримзода Нилуфар Раҳмоналӣ., сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, доктори илми фалсафа Маҳмадҷонова Муҳиба, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатии Осиё ва Аврупои АМИТ номзади илми ҳуқуқшиносӣ Раҳмонзода Азимҷон, ходими калони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ номзади илми таърих, дотсент Мирзоев Ҷурабек, кормандони Муассисаи Давлатии "Тоҷикфилм", намояндагони ВАО аз ҷумла, муовини директори Академияи ВАО Каримзода Ҳақназар, рӯзноманигори рӯзномаи "Омӯзгор" Ҳотами Ҳомид ва кормандони Кумита баргузор гардид.

Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология Олимҷон Муҳаммадҷонзода дар оғози чорабинӣ суханронӣ намуда, ҳозиринро бо таҷлили 30- солагии Иҷлосияи таърихӣ ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод намуданд. Аз ҷумла, иброз доштанд, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Иҷлоияи XVI Шурои Олиро заминаи асосии ба даст овардани Истиқлол ва сулҳу оромӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ намудаанд.

Сипас, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илми филология, профессор Раҳматуллозода Сахидод суханронӣ намуда, доир ба накши Иҷлосияи таърихии XVI ва рушди минбаъда дар самти сиёсати давлатии забон ибрози андеша намуданд.

Ҳамчунин, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур Каримзода Нилуфар дар суханронии худ таъкид намуд, ки Иҷлосия рӯйдоди таърихӣ ва тақдирсози миллати тоҷик маҳсуб ёфта, барои Тоҷикистони тозатаъсис роҳбари оқилу одил муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мо тақдим кард.

Ҳамзамон, дар конференсия сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, доктори илми фалсафа Маҳмадҷонова Муҳиба, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатии Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илми ҳуқуқшиносӣ Раҳмонзода Азимҷон ва ходими калони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ, номзади илми таърих, дотсент Мирзоев Ҷурабек доир ба дигар паҳлуҳои муҳимии Рӯзи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар намуданд.

Дар фарҷоми конференсия аз тарафи раиси Кумита Муҳаммадҷонзода О. ба аҳли кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур, директори Академияи ВАО Саъдӣ Маҳдӣ ва рӯзноманигори рӯзномаи "Омӯзгор" Ҳотами Ҳомид маҷаллаю китобҳои тозанашри Кумита ва ифтихорномаю сипоснома дар фазои тантанавӣ тақдим гардид.

**Content rating:** 5

Average: 5 (4 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Забони тоҷикӣ [4]
- Конференсияҳо [5]

- 

- 

- 

- 

- 

- 

- 

- 

-

**Source URL:**http://istilohot.tj/en/node/6891?mini=2025-03

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1_0.JPG [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/28 [3] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [4] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/38 [5] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/30 [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_3.JPG [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02472.JPG [8] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02478.JPG [9] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02479.JPG [10] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02481.JPG [11] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02482.JPG [12] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02485.JPG [13] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02486.JPG [14] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02487.JPG [15] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02488.JPG [16] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02490.JPG [17] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02491.JPG [18] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02492.JPG [19] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02494.JPG [20] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02497.JPG